УДК 33М1
ББК 65.9
Ҷ 95

## ВАСОИТИ МЕТОДИИ БАҲОДИҲИИ РАҚОБАТПАЗИРИИ МИНТАҚА

***Ҷӯраев Меҳроҷ Бобоқулович*** – *докторанти PhD Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, 17 мик-н, бинои 1, e-mail:mehrojbo@mail.ru*

## МЕТОДИЧЕСКИЕ ИНСТУРМЕНТАРИИ ОЦЕНКИ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ РЕГИОНА

***Джураев Мехродж Бобокулович*** – *докторант PhD Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики Республика Таджикистан, г Худжанд, 17 микрорайон, дом.1, e-mail:mehrojbo@mail.ru*

## METHODOLOGIKAL TOOLS FOR ASSESSING THE REGIONS COMPETITIVENESS

***Juraev Mehrog Bobokulovich*** – *PhD Researcher of Tajik State University of Law, Business and Politics. Republic of Tajikistan, Khujand, 17 Microdistrit Buiiding 1, e-mail:mehrojbo@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *рақобатпазирӣ, баҳодиҳӣ, индекси рақобатпазирӣ, тарзи интегралӣ, рақобатпазирии минтақа*

*Дар мақола асосҳои назариявию методии баҳодиҳии сатҳи рақобатпазирии минтақавӣ ҳамчун асоси рушди уствори иқтисодиёти минтақаҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Инчунин барои шарҳи усулҳои баҳодиҳии сатҳи рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа, тартиби ташаккулёбии низом, сохтор, нишондиҳандаҳо ва ё омилҳои баҳодиҳии интегралии рақобатпазирӣ аз ҷиҳати назариявӣ таҳлил карда шудаанд. Дар асоси натиҷаҳои бадастомада аз таҳқиқи усулҳои баҳодиҳии рақобатпазирӣ, низоми омилҳои баҳодиҳии он тартиб додашуда, ҷиҳатҳои муҳими он баён карда шудааст. Дар хотима, натиҷаҳои ба даст омада аз тадқиқоти илмӣ хулосабарорӣ карда шуда, ҷиҳатҳои хоси он, чун тавсия барои дар оянда таҳқиқ намудани рақобатпазирӣ баён карда шудаанд.*

***Ключевые слова:*** *конкурентоспособность, оценка, интегральный метод, индекс конкурентоспособности, конкурентоспособность региона.*

*В статье рассматриваются теоретические и методические основы оценки уровня конкурентоспособности региона как инструмент, обеспечивающий устойчивое развитие экономики региона. Также, для характеристики методов оценки уровня конкурентоспособности экономики региона проведен теоретический анализ в порядке формирования систем, структуры и элементов интегральной оценки конкурентоспособности региона. По результатам исследования методов оценки конкурентоспособности формируется система показателей или факторов конкурентоспособности и характеризуются их особенности. В заключении, обобщаются все полученные результаты научного исследования и формируются особые моменты в качестве рекомендации в дальнейшем исследовании оценки конкурентоспособности.*

***Key words:*** *competitiveness, direction assessment, integrated method, competitiveness index, regional competitiveness.*

*The article examines the theoretical and methodological basis for assessing the level of regional competitiveness as a basis for sustainable economic development in the regions. Also analyzed theoretical analysis of the methods of assessing the level of competitiveness of the region's economy, the order of formation of the system, structure, indicator or factors of integrated assessment of competitiveness. Based on the results obtained from the study of competitiveness assessment methods, a system of assessment factors was developed and its important aspects were stated. In conclusion, the results of the research are summarized and specific aspects are presented as a recommendation for future research on competitiveness.*

Дар шароити муосир рушди фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ аз ҳолати рақобатпазирии иқтисодиёти онҳо вобастагӣ дошта, масъалаи баланд бардоштани сатҳи он дар меҳвари сиёсати иқтисодии ҳамагуна кишварҳо қарор дорад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши асосҳои методии раванди таъмини рақобатпазирӣ метавонад дар маҷмӯъ, барои таъмини рушди иқтисодиёти миллии ҳар як мамлакат ва ҳатто минтақа мусоидат намояд.

Дар робита бо ин ҳолат, дар шароити гузариши иқтисодиёти кишвар ба реҷаи боустувор ва такрористеҳсолии рушд ва ҳамчунин эътирофи иқтисодиёти минтақаҳо ба сифати яке аз омилҳои ташаккулли низоми таъминоти рақобатпазирӣ, зарурияти таҳқиқ ва баҳодиҳии рақобатпазири минтақаро ба миён меоварад. Зеро, дар асоси натиҷаҳои баҳодиҳии рақобатпазирии минтақаҳо муҳаққиқон (иқтисодчиён, сиёсатмадорон, олимон, соҳибкорон ва ғайра), метавонанд ҳолати иқтисодӣ, самаранокии амалигардонии стратегияи сиёсати иқтисодӣ ва баландбардории сатҳи рақобатпазирии фаъолияти секторҳои хусусӣ ва ҷамъиятӣ, афзалиятҳои рақобатӣ ва норасогиҳои ҳудудӣ ва дигар омилҳоро таҳлил намоянд.

Тадқиқоти усулҳои муосири баҳодиҳии рақобатпазирии минтақаҳо имконият медиҳанд, то хулоса намуд, ки онҳо асосан аз баҳодиҳии рақобатпазирии мамлакат сарчашма мегиранд. Аз ин рӯ, мафҳуми бисёрҷабҳаи мазкурро аз ҷиҳатҳои гуногун дар робита бо вазифаҳои иҷрошаванда, метавон муайян намуд. Намудҳои гуногуни усулҳои баҳодиҳии рақобатпазир мавҷуд буда, онҳо дар асоси нишондиҳандаҳои оморӣ, баҳодиҳии экспертӣ ва монанди инҳо асос ёфтаанд.

Натиҷаҳои баҳодиҳӣ, бояд дар намудҳои рейтингҳои сохторашон мураккаб IRPEX (рейтинги байналхалқии баҳодиҳии рақобатпазирии иқтисодиёт), ки дар асоси омилҳои зиёди нишондиҳандаҳои баҳодиҳии объективӣ ва субъективӣ ташаккул меёбанд, пешниҳод мегарданд (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1.

Тарзҳои мухталифи баҳодиҳии рақобатпазирӣ

| *№* | *Гурӯҳи усулҳо* | *Намунаи усули баҳодиҳии рақобатпазирии минтақа* | |
|---|---|---|---|
| | | *Ҳудудҳои барои баҳодиҳӣ бо ҳам муқоисашаванда* | *Индекси рақобатпазирии дар рафти баҳодиҳӣ ҳисобшаванда* |
| 1. | Баҳодиҳии рақобатпазирӣ дар сатҳи байналхалқӣ | Нишондиҳандаҳо и рақобатпазирии Бонки умумиҷаҳонӣ | Индексҳои рушди соҳибкорӣ ва рақобатпазирӣ; Индекси форумҳои иқтисодии умумиҷаҳонӣ, Индекси умумиҷаҳонии рақобатпазирӣ (IMD). |
| 2 | Баҳодиҳии рақобатпазирӣ дар сатҳи мамлакат ё минтақа | Нишондиҳандаҳо и рақобатпазирии минтақа | Индекси аврупоии рақобатпазирӣ; Индекси рақобатпазирии минтақа. |
| 3 | Баҳодиҳии рақобатпазирии секторҳои иқтисодӣ | Модели «афзалиятҳои рақобати»-и М. Портер | Индекси умумиҷаҳонии дастрасӣ ба сармоя; Нишондиҳандаҳои бонки созишии аврупоӣ; Рейтинги илмӣ, технологӣ ва саноатии минтақаҳо. |
| 4 | Баҳодиҳии нишондиҳандаҳои рақобатпазирӣ | Нишондиҳандаҳо и тавсифии рақобати нархӣ ва ғайринархӣ | Индекси ҷолибияти минтақаҳо; Индекси рушди иқтисодии бо донишҳо асосёфта; Индекси озодии иқтисодӣ. |
| 5 | Баҳодиҳии таъсири сиёсати иқтисодӣ ба рақобатпазирӣ | Тадқиқоти озодии иқтисодии мамлакатҳо Freedom House | Индекси умумиҷаҳонии озодии иқтисодӣ; Индекси байналхалқии шаффофияти қабул ё дарки ришва (корупция). |

*Сарчашма: Building Competitive Regions: Strategies and Governance. OECD, 2019.*

Зимнан, барои баҳодиҳии дараҷаи таъсиррасонии ҳар як омил ба рақобатпазирӣ бояд ташхиси экспертӣ дар доираи рушди минтақа ва рақобатпазирӣ аз ҷониби вазоратҳо ва мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ  гузаронида шавад. Тавсифоти мазкур ба нишондиҳандиҳандаҳои баҳои тааллуқ дошта, бояд маҷудияти субъект (ки баҳо медиҳад), объект (чи баҳо дода мешавад) ва мақсад (критерияҳо)-и онро дар бар гирад.

Ҳамчунин ба сифати субъектҳои баҳодиҳӣ мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳо, сармоягузорон, харидорон ва дигарон баромад карда, ба сифати объектҳои баҳодиҳӣ молҳо, ширкатҳо, ташкилотҳо, минтақаҳо ва мамлакат ҳисобида мешаванд. Критерияҳо (мақсад)-и баҳодҳӣ метавонанд ҳолати бозор, суръати рушд, имконоти пардохт барои қабули воситаҳои қарзӣ ва инчунин хосиятҳои истеъмолӣ дар муносибат бо нархи мол ва ғайра бошанд.

Айни замон миқдори зиёди методикаҳои муаллифии баҳодиҳии рақобатпазирии минтақаҳо вуҷуд дорад.[1.С.22] Ҳатто бузургии онҳо дар асоси баҳои ҷолибияти минтақа, сатҳи зиндагонии аҳолӣ ва самаранокии истифодаи захираҳо асос меёбанд.

Тарзи интегралии баҳодиҳии рақобатпазирӣ бо таври васеъ дар миқёси таҷрибаи ҷаҳонӣ густариш ёфтааст. Ба андешаи мо, сатҳи интегралии рақобатпазирии минтақа нишондиҳандаи нисбӣ ба ҳисоб рафта, набояд бузургии он аз андозаи ҳудудҳои он ва шумораи аҳолӣ вобастагӣ дошта бошад. Бинобар он, бузургии аломатҳои алоҳидаи рақобатпазирӣ ҳангоми ҳисоббаробариҳои интегралӣ (маҷмӯи) дар шакли воҳидҳои ченаки бо нишондодҳои нисбӣ ифодашуда, яъне: бузургиҳои сарикасӣ, суръат, ҳиссавӣ ва баъзан дар намудҳои истисноӣ – баҳои холҳоро дар бар мегирад.

Низоми нишондиҳандаҳои имконпазирро метавон дар шакли маҷмӯи дар намуди ҷадвали 2 додашуда тасвир намуд. [2]

Ҷадвали 2.

Намунаи нишондиҳандаҳо барои ҳисоби интегралии сатҳи рақобатпазирии минтақа

| *№б/т* | *Нишондиҳандаҳои махсус* | *Воҳиди ченак* |
|---|---|---|
| *I. Нишонидҳандаҳои ҷолибияти инвеститсионӣ ва фаъолнокии минтақа,* ***(З*** $_{\textbf{чи}}$***)*** | | |
| 1. | Инвеститсия дар сармояи асосӣ | млн. сомонӣ |
| 2. | Инвеститиитсия ба маҷмӯи маҳсулоти минтақа (МММ) | % |
| 3. | Индекси ҳаҷми физикии инвеститсия | % |
| 4. | Инвеститсия дар сармояи асосӣ ба ҳар сари алоҳӣ | ҳаз. сомонӣ / нафар |
| *II. Нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолии минтақа,* ***(З*** $_{\textbf{СЗА}}$***)*** | | |
| 5. | Таъминнокии аҳолӣ бо манзил ва ё сармоягузорӣ ба манзил | м$^2$ / нафар |
| 6. | Музди меҳнати миёнаи коргарон | Сомонӣ / нафар |
| 7. | Сатҳи бекорӣ | % |
| 8. | Бузургии ақалияти зиндагӣ | сомонӣ / нафар |
| 9. | Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ | сомонӣ / нафар |
| 10. | Даромадҳои пулии аҳолии минтақа | сомонӣ / нафар |
| 11. | Ҳиссаи аҳолии камбизоат | % |
| 12. | Шумораи ҷиноятҳои бақайдгирифта ба 10000 нафар аҳолӣ | адад |
| *III. Нишондиҳандаҳои мавҷудият ва самаранокии истифодаи захираҳои минтақа,* ***(К*** $_{\textbf{СЗМ}}$***)*** | | |
| 13. | Ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти минтақа (МММ) | сомонӣ / нафар |
| 14. | Суръати тағйирёбии ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти минтақа | % |
| 15. | Вазни қиёсии ташкилотҳои зараровар | % |
| 16. | Ҳаҷми гардиши молии чакана | сомонӣ / нафар |
| 17. | Содироти маҳсулот ба хориҷи дур ва наздик | долл. ИМА / нафар |
| 18. | Зичии роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум | км роҳҳо / 100 км$^2$ ҳудудҳо |
| Сатҳи интегралии рақобатпазирӣ | | Зариби интегралӣ (маҷмӯӣ), маълумотҳои ҷамъбастшудаи ҳамаи нишондиҳандаҳои алоҳида аз рӯи формулаи миёнаи геометрикӣ |

*Сарчашма: таҳияи муаллиф*

Сатҳи интегралии рақобатпазирӣ ($C_{ир}$), ба худ зариби интегралии маълумотҳои умумии ҳамаи нишондиҳандаҳои ҷадвали мазкурро дар бар гирифта, ҳисоби он тавассути бузургии миёнагеометрӣ бо истифода аз формулаи зерин сурат мегирад:

$$\text{С}_{\text{ир}} = \sqrt[3]{\text{З}_{\text{чи}} * \text{З}_{\text{сза}} * \text{З}_{\text{сзм}}}, \quad (1)$$

Дар вобастагӣ бо он, ки рақобатпазирии минтақавӣ тавассути се гурӯҳи коэффисентҳо баҳо дода мешавад, барои тавсифи ҳолати рақобатпазирии минтақа тартибдиҳии матритсаҳои нишондиҳандаҳои зерин тавсия дода мешавад:

1. «Сатҳи самаранокии истифодаи захираҳо – сатҳи зиндагӣ».
2. «Сатҳи ҷолибии инвеститсионӣ – самараи истифодаи захираҳо».
3. «Самаранокии ҷолибияти инвеститсионӣ – сатҳи зиндагонӣ».

Ҳангоми муқоисаи сатҳи самарнокии истифодаи захираҳо ва сатҳи зиндагонии аҳолӣ, хулосаҳо дар асоси баҳои муқоисавӣ барои баҳодиҳии ҳолати он ки то чӣ андоза соҳибкорон ва давлат оид ба некуаҳволии коргарони худ ва аҳолии дар ҳудудҳои онҳо истиқоматкунанда ғамхорӣ менамоянд, баровarда мешаванд.

Дар ҳолати гузаронидани таҳлили таносуби ҷолибияти инвеститсионӣ ва самаранокии истифодаи захираҳо, метавон ба ҳолати то чӣ андоза мувофиқи мақсад ва ё сармаранок рушд намудани ҳудудҳоро муайян намуд. Агар, самаранокии истифодаи захираҳо бузургии назарраси сармояи асосиро ташкил диҳад, он гоҳ метавон гуфт, ки дар минтақа афзалиятҳои воқеӣ муайян карда шудааст ва амалҳо дар мутобиқат бо он анҷом дода мешаванд.

Боз ҳам тафсири аҷибро метавон дар шакли маълумот оид ба нишондиҳандаҳои рақобатпазирӣ ҳангоми ягонасозии ҳамаи се параметрҳо ва ҷудосозии онҳо аз рӯи сатҳи баҳодиҳӣ – паст (0) ва баланд (1) ба даст овард.

Системаи нишондиҳандаҳои коркарднамудаи В.В. Печаткин, С.У Салихов, В.А. Саблиной, дар ҳисоботҳои расмии оморӣ ва инчунин нишондиҳандаҳои дар асоси онҳо ҳисобшуда ҷойгир карда шудаанд. [5. С. 172-175]

Интихоби нишондиҳандаҳо барои баҳодиҳии рақобатпазирии минтақа дар асоси усулҳои бисёромилии таҳлили коррелятсионию регрессионӣ бо истифода аз модели ростхаттаи регрессӣ низ гузаронида мешавад, ки нишондиҳандаҳои он чунин (ҷадвали 3) тасвир карда мешаванд.

Ҷадвали 3.

Системаи нишондиҳандаҳо барои ҳисоби сатҳи рақобатпазирӣ

| *Блоки I. Қобилияти минтақа оид ба истеҳсоли мол ва хизмат дар шароити рақобат бо дигар минтақаҳо* | | *Блоки II. Қобилияти минтақа оид ба қонеъгардонии эҳтиёҷоти аҳолӣ* | |
|---|---|---|---|
| $Y_1$ | МММ ба ҳар сари аҳолӣ, ҳаз. сомонӣ. / нафар; | $Y_2$ | Давомнокии интизории ҳаёт, сол; |
| $X_1$ | Ҳосилнокии меҳнат, ҳаз. сомонӣ. / нафар; | $X_1$ | Мавҷудияти автомобили сабукрави шахсӣ адад. / ҳаз. нафар.; |
| $X_2$ | Индекси ҳаҷми физикии МММ, %; | $X_2$ | Майдони манзил барои ҳар як шахс, м.кв./нафар.; |
| $X_3$ | Ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ ба ҳар сари аҳолӣ, ҳаз. сомонӣ./ нафар; | $X_3$ | Шумораи табибон барои 10 000 аҳолӣ, нафар; |
| $X_4$ | Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ, ҳаз. сомонӣ./ нафар; | $X_4$ | Шумораи катҳои беморӣ барои 10 000 нафар аҳолӣ, адад./ нафар.; |
| $X_5$ | Ҳаҷми хизматҳои пулакӣ ба ҳар нафар аҳолӣ, ҳаз. сомонӣ./ нафар; | $X_5$ | Партофтани моддаҳои ифлоскунанда ба муҳити атроф аз манбаҳои статсионарӣ ба майдонҳои минтақа, ҳаз. т. /км2; |
| $X_6$ | Муносибати инвеститсия дар сармояи асосӣ бо МММ, %; | $X_6$ | Нисбияти истифодаи партовҳои токсикӣ аз бузургии умумии онҳо, %; |
| $X_7$ | Арзиши фондҳои асосии соҳаҳои иқтисодии минтақа ба ҳар нафар аҳолӣ, ҳаз. сомонӣ./ нафар; | $X_7$ | Ҳиссаи майдонҳои барқароркарда дар майдони умумии минтақа, %; |
| $X_8$ | Сатҳи хӯрдашваии фондҳои асосӣ, %; | $X_8$ | Ҳиссаи аҳолии минтақа бо даромади аз ҳадди ақалияти зист пастбуда, %; |
| $X_9$ | Муносибати содирот ба воридоти маҳсулот, %; | $X_9$ | Таносуби музди меҳнати миёнамоҳонаи ҳисобшуда дар бузургии ҳадди ақали зист, %; |
| $X_{10}$ | Муносибати содирот бо МММ, %; | $X_{10}$ | Андозаи миёнаи нафақа нисбат ба бузургии ҳадди ақали зисти нафақахурон, %; |
| $X_{11}$ | Боздеҳии фондӣ, %; | $X_{11}$ | Ҳаҷми миёнаи саҳм дар бонки амонатӣ нисбат ба бузургии ҳадди ақали зист, %; |
| $X_{12}$ | Сатҳи бекорӣ, %; | $X_{12}$ | Истеъмолоти воқеии ниҳоии хоҷагиҳои хонаводагӣ, млн. сомонӣ.; |
| $X_{13}$ | Ҳиссаи хароҷотҳо барои илм дар хароҷотҳои умумии буҷет, %; | $X_{13}$ | Индекси нархҳои истеъмолӣ, %; |
| $X_{14}$ | Ҳиссаи маҳсулоти инноватсионӣ дар ҳаҷми умуми маҳсулоти саноатӣ, %; | $X_{14}$ | Шумораи ҷиноятҳо барои 100000 нафар аҳолӣ, адад./ нафар; |
| $X_{15}$ | Ҳиссаи ба илм машғулбудагон дар шумораи умумии аҳолӣ, %; | $X_{15}$ | Ҳиссаи ҷиноятҳои ноболиғон барои 100000 аҳолӣ, адад./нафар; |
| $X_{16}$ | Ҳиссаи корхонаҳои инноватсионию фаъол дар шумораи умумии корхонаҳо; | $X_{16}$ | Коэффитсиенти афзоиши муҳоҷирати аҳолӣ. |
| $X_{17}$ | Теъдоди муттахассисони мактабҳои олӣ барои 10000 аҳолӣ, нафар; | - | - |
| $X_{18}$ | Теъдоди донишҷӯёни мактабҳои олӣ барои 10000 аҳолӣ, нафар. | - | - |

*Сарчашма: таҳияи муаллиф*

Ҳамин тариқ, метавон дар асоси тавсифи усулҳои болоии баҳодиҳии рақобатпазирӣ хулоса намуд, ки ҳамаи усулҳои зикршуда вобаста аз мавқеъ ва хусусиятҳои хоси зуҳуроти иқтисодии самти рақобатпазириро фарогиранда ба мақсад мувофиқ буда, метавон аз нишондиҳандаҳои низомҳои таҳқиқшуда истифода намуд. Махсусан, барои баҳодиҳии рақобатпазирии минтақа, истифодаи усули интегралӣ ва регрессионӣ мувофиқ дониста мешавад. Зеро, усули интегралӣ дар асоси нишондодҳои низомнокшуда ва миёнасохта ва усули регрессионӣ тавассути баҳои вобастагӣ ё алоқамандии ҳар як нишондиҳанда ҳамчун омили рақобатпазирӣ баҳо дода мешаванд.

Дар натиҷа, истифодаи усулҳои зикршуда, дар оянда барои муайянкунии сатҳи рақобатпазирии минтақа ва таъмини рушди устувори иқтисодии он замина гузошта, барои идоракунии раванди амалисозии сиёсати рақобатпазирии минтақа кӯмак мерасонад.

## ПАЙНАВИШТ

1. Пляйнес, Х. Политика и экономика: основные теории на примере российских регионов. Политика и экономика в региональном измерении / Х. Пляйнес. - М., 2014. – С. 22.
2. Региональная промышленная политика: теоретические основы, практика формирования и механизм реализации: препринт / А.И. Татаркин, О.А. Романова, Р.И. Чененова, М.Г. Филатова. - Екатеринбург: УрО РАН, 2000. - 82 с.
3. Селезнев, А.З. Конкурентные позиции и инфраструктура рынка России / А.З. Селезнев.- М.: Юристъ, 2012. - 17 с.
4. Конкурентные позиции региона и их экономическая оценка / под ред. Г.А. Унтуры. - Новосибирск: ИЭиОП СО РАН, 2017. - 212 с.
5. Печаткин, В.В. Рейтинговая оценка конкурентоспособности регионов России / В.В. Печаткин, С.У Салихов, В.А. Саблина; Ин-т социально-экономических исследований Уфимского научного центра РАН. - Уфа, 2004. - 212 с.

## REFERENCES

1. Plaines, H. Politics and economics: basic theories on the example of the Russian regions. Politics and economics in the regional dimension / H. Plaines. - M., 2014. - P. 22.
2. Regional industrial policy: theoretical innovations, practice of formulation and real mechanism: preprint / A.I. Tatarkin, O.A. Romanova, R.I. Chnenova, M.G.Filatova. - Ekaterinburg: URO RAN, 2000. - 82 p.
3. Seleznev, A.Z. Competitive positions and infrastructure of the Russian market / A.Z. Seleznev.- M .: Lawyer, 2012. - 17 p.
4. Competitive positions of the region and their economic assessment / ed. G.A. Untury. - Novosibirsk: IEiOP SO RAN, 2017. - 212 p.
5. Pechatkin, VV Rating assessment of the competitiveness of the regions of Russia / VV Pechatkin, SU Salikhov, VA Sablina; Institute of Socio-Economic Research of the Ufa Scientific Center of the Russian Academy of Sciences. - Ufa, 2004. – 212 p.